**АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №2, 2014**

**ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №2, 2014**

**УДК: 338+54 тадж**

**ВАЗИРОВ С.** [1]

# ЧӢ ТАВР СУДИ БОНКӢ БА ҶОМЕА ОСЕБ МЕРАСОНАД ВА ЧӢ БОЯД КАРД

Мақолаи мазкур таъсироти манфии молиядорӣ мабнӣ бар суд (баҳра) ба ҷомеа аз суди бонкӣ ва иқтисодиётро нишон медиҳад. Дар он вазъи қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қисман вазъи бонкҳои ҷумҳурӣ ва поёнравии нархи молҳои асосии содиротии ҷумҳурӣ низ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Калидвожаҳо:** Иқтисод ва молиядории Исломӣ, муомилоти мабнӣ бар ширкат, муомилоти мабнӣ бар суди бонкӣ (баҳра), пардохти фоизҳо (баҳра), Хазинаи байналмилалии асъор.

Ҷомеаи мусалмонӣ мисоли зиндаи таъсироти нотавонкунии молиядорӣ бар асоси суд (суди бонкӣ, баҳра,) аст. Мутаассифона масъалаи мазкур дар ҳар кишвари мусулмонии руи олам бо афзоиши ҳаррузаи пардохти фоизҳо ба Бонки Ҷаҳонӣ, Хазинаи байналмилалии асъор ва дигар созмонҳои кишварҳои рушдкарда ва санотӣ инъикос ёфта истодааст. Боиси тазаккур аст, ки пардохти суд танҳо дар асоси қарзҳои бо фоизи паст сурат мегирад. Пардохти мазкур, ки бештари вақт бемаҳсул аст сармояҳои боарзишро аз тандурустӣ, маориф, инфрастуктура, беҳдоштӣ ва аз як қатор уҳдадориҳои давлатӣ берун мекашад.

Хушбахтона Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи мазкур дар шароити беҳтаре қарор дорад. Барои мисол, дар соли 2012 қарзи берунааш 2169,4 млн. доллар ё ин, ки ба 28,5% маҷмуи маҳсулоти умумии дохилӣ (ММД) баробар шудааст, ки ин нишондиҳандаи муътадил мебошад. Барои мисол, дар соли 2000 қарзи умумии берунаи кишвари мо 1027,1 млн. долларро ташкил медод ва аз ҳамон сол то соли 2012 қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 1372,9 миллион доллар ё ин, ки 211,2% афзоиш ёфтааст [1]. Дар ин давра Ҷумҳурии Тоҷикистон 892,6 млн. доллар ба ҳайси суд (баҳра) ва баргардонидани маблағи қарзӣ пардохт намудааст. Вале, аҷибаш дар он аст, ки баъд аз пардохти анқариб 900 млн. доллар маблағи қарзии ҷумҳурӣ беш аз ду маротиб афзудааст.

[1] **Адрес для корреспонденции:** Вазиров Собир Зокирович. – к.э.н., вед.науч.сотр. Института экономики и демографии Республики Таджикистан, 734000, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Рахмона Набиева №32., Тел: 988480001. Email: vsobir@gmail.com

**Хизматрасонии қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои** 2000-2012 **(млн. доллар)**

| Сол | 2000 | 2001 | 2002 | 2003 | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Хизматрасонии қарз умумӣ, аз ҷумла:** | 53.1 | 62.4 | 88.1 | 35.3 | 36.3 | 67.7 | 49.2 | 48.7 | 89.5 | 122.7 | 71.4 | 62.1 | 106.1 | 892.6 |
| Қарзи асосӣ | 41.3 | 49.1 | 71.4 | 20.7 | 22.3 | 55.7 | 39.7 | 36.8 | 72.4 | 93.1 | 47.1 | 34 | 75.1 | 658.7 |
| Фоизҳо (баҳра) | 11.8 | 13.3 | 16.7 | 14.6 | 14 | 12 | 9.5 | 11.8 | 17.1 | 29.6 | 24.3 | 28.1 | 30.9 | 233.7 |

***(Ҷадвали мазкур дар асоси ҷадвали 9. Ҳисобот оид ба ҳолати қарзи давлатӣ дар соли 2012 омода гаштааст).***

Чӣ тавре аз ҷадвали мазкур бармеояд дар соли 2011 45,2% ва дар соли 2012 29,1% хизматрасонии қарзи берунаи ҷумҳурӣ барои пардохти фоизҳои қарз рост меояд. Дар соли 2012 Ҷумҳурии Тоҷикистон 30,9 млн. доллар барои фоизҳои қарз пардохт намудааст, ки нисбат ба солҳои гузашта зиёдтар аст.

Қарз эҷодкунандаи вобастагӣ ҳаст ва вобастагӣ таъминкунандаи фурсат барои назорат медиҳад. Мувофиқи Бунёди атфоли Созмони Милал (UNICEF) зиёд аз 500 000 ҳазор кудаки то панҷсола ҳарсол дар Африқо ва Америкои Лотинӣ дар авохири солҳои 1980-ум бевосита дар натиҷаи буҳрони қарзӣ фавт намудаанд ва идоракунии он таҳти сохтори танзимшавандаи барномаҳои Хазинаи байналмилалии асъор сурат мегирифт. Барномаҳои мазкур аз байн бурдани кумаки пулӣ барои ғизои асосӣ, тунд пастнамудани хароҷоти тиббӣ, маориф ва дигар хадамоти иҷтимоиро талаб менамуд ва ҳамзамон баланд бардоштани меъёри андозҳоро дар назар дошт. Илова бар ин, буҳрони қарзӣ дар аксарияти кишварҳои ҷануби Саҳараи Африқо ҳаргиз ҳал нагаштааст. Маълумоти аз Бунёди атфоли Созмони Милал (UNICEF) гувоҳи он аст, ки на кам аз 5 000 000 кудак ва калонсолони осебпазир шояд ҷони худро дар ин қитъаи офатзада дар натиҷаи буҳрони қарзӣ аз даст додаанд [2]. Ҳисоботи «Гуруснагӣ дар ҷаҳон (2010)» (World Hunger) баҳс менамояд, ки низоми иқтисодии кунинӣ сабабгори асосии фақр ва гуруснагӣ шудааст, аз замоне, ки захираҳо ва дороии он аз ҷониби ҳиссаи хурди мардум идора мегардад. Феълан ин ҳиссаи хурди мардум, ки 2% аҳолии ҷаҳонро ташкил менамояд 50% дороии дунёро дар даст дошта, зиндаги хело хуб доранд, ҳамзамон онҳое, ки дар поин қарор доранд танҳо мезиянд.

Қарз воситаи самаранок мебошад. Он таъминкунандаи дастёбӣ ба ашёи хом ва инфраструктураи мардуми дигар бо шартҳои арзон аст. Даҳҳо кишвар бо имкони содироти теъдоди маҳдуди маҳсулот ба сабаби протексионизми Шимолӣ ва камбуди маблағ барои сармоягузорӣ ба диверсификатсияи саноати худ бояд барои дастёбӣ ба бозорҳои маҳдуд рақобат кунанд. Фаровонии молҳои мазкур дар бозор арзиши онҳо поён бурда, даромаднокии молсодироткунандагонро нобуд месозад, ҳамзамон Шимол баҳрабардор аз ҷамъоварии пасандозҳои бузург мегардад. Чуноне, ки пойин рафтани нархи алюминий дар биржаи маталли Лондон сабаби

гирифтори мушкилоти молиявӣ корхонаи азими саноатии алюминии Тоҷикистон «Талко» гардида, ҳамчунин сабаби камгаштани содироти ин намуди мол шуд. Чӣ тавре аз омор бармеояд дар даҳ моҳи соли 2013 содироти алюминий 168,2 ҳазор тонна ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 53,3 ҳазор тонна ё 32% камтар аст. Дар мавриди арзиши алюминийи содиротӣ бошад дар даҳ моҳи соли 2013 содироти он 314,5 млн. долларро ташкил дода нисбат ба даҳ моҳи соли 2012 134,5 млн. доллар ё 42,6% камтар аст [3]. Дар сурате, ки дар соли 2012 дар сохтори содироти Тоҷикистон саҳми нахи пахта ва алюминий аввалия тақрибан 59,2% ташкил медод, ки аз он 40,6% ба алюминий ва маҳсулот аз он ва 18,6% ба пахта ва маҳсулот аз он рост меояд. Ба нишондиҳандаҳои пули бошад дар соли 2012 содироти алюминий 544,4 млн. доллар ва пахта 244,8 млн. доллар баробар аст, ҳангоме, ки содироти умумии мол 1,338 млн. долларро ташкил медиҳад. Бар болои пастравии нархи алюминий, нархи гилхок, ки ашёи хом барои истеҳоли алюминий аст ва арзиши роҳкиро барои интиқоли он низ боло рафта даромаднокии корхонаи мазкурро аз байн бурда сабаби зарари молӣ гаштааст. Шароити мазкур чӣ тавре қайд гардид ба манфиати кишварҳои саноатӣ мебошад, зеро онҳо ба ашёи хоми арзон даст меёбанд.

Таварруми нарх ва афзоиши ноэътидолии бозор як чизи маъмулӣ барои иқтисоди қарзист, ки кишварҳои фақир ва ҳам бойро таъсир мерасонад. Кишварҳои фиқири қарздор ба тарзи маъмулӣ беқурбшавии асъори худро шоҳид мешаванд ҳангоме, ки кушиш ба он доранд то қарзҳои худро бо асъори қарздиҳанда бозпардохт намоянд.

Бар иловаи таъсири манфии суд ба макроиқтисодиёт мушкилот дар сатҳи фардӣ низ ру мезанад. Тадқиқоти соли 2001 аз ҷониби олимони донишгоҳҳои Бас ва Эгзетери Британиё гузаронида гувоҳи он аст, ки донишҷуёни ҳароснок аз қарздор (қарздории пулӣ) шудан чор маротиб зиёдтар аз афзудаги азият мекашанд [4]. Барои он донишҷуёне, ки қарздор ҳастанд нишондиҳандаи мазкур метавонад бадтар бошад. Аз ин лиҳоз, ҳамбастагӣ байни қарздорӣ ва беморӣ дар кишвари мо низ метавонад ташвишовар гардад, зеро истифодаи васеъ ва мақбулияти иҷтимоии қарзи истеъмолии мабнӣ бар суд (баҳра) аз ҷумла, қарз барои хона афзоиш меёбад. Барои мисол, қарзҳои муҳлатгузашта дар маблағгузории қарзии низоми бонкии Тоҷикистон дар ёздаҳ моҳи соли 2013 694,5 млн. сомониро ташкил медиҳад [5], ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 284,2 млн. сомонӣ ё ин, ки 170% зиёдтар аст. Илова бар ин, охири соли 2012 ва аввали соли 2013 Ҳукумати Тоҷикистон баҳри дастгирии молиявии ҶСК «Агроинвестбонк» тағйири сохтори сармояи онро (рикапитилизатсия) гузаронид. Ба маблағи 500 млн. сомонӣ қоғазҳои қимматнок барои хариди қарзҳо (ба муддати 8 сол) бароварда шуда, 200 млн. сомонӣ ҳаққӣ давлат барои ҳамроҳшудан ба сармояи бонк ба ҳайси муассис равона гардид. Дар маҷмуъ ба маблағи 700 млн. сомонӣ тағйири сохтори сармояи бонк (рикапитилизатсия) гузаронида шуд, ки дар ин асос ҳаққӣ давлат дар бонк 51% ташкил намуд ва он ба идоракунии давлатӣ гузашт [6]. Шояд бо сабабҳои мазкур, Раиси Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон низ дар ҷаласаи солонаи ҳукумат (*15 январи соли 2014 баргузор гашт*) дар вокуниш ба гузориши раиси Бонки миллӣ аз фаъолияти нокофии ин ниҳоди молӣ дар амри ҷалби сармояҳо ва дастгирии соҳибкории хусусӣ изҳори нигаронӣ кардааст. Ҳамчунин Раиси Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қайд намудааст, ки Бонки миллӣ маблағҳоро аз ҳадди муайяншуда бештар ва ғайриҳадафмандона харҷ кардааст ва дар робита ба фаъолияти бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк» ва

бонкҳои саҳҳомии ҷумҳурӣ низ изҳори нигаронӣ карда аз онҳо даъват кардаааст, ки фаъолияти худро ба меъёрҳои ҷаҳонӣ мутобиқ кунанд [7].

Қарзи фоизнок саҳми муносиб ба афзалиятҳои кутоҳмуддат дорад, аммо ба мисли бадиҳои дигар таъсироти густурдае ба иҷтимоиёт мерасонад. Ислом тасдиқ менамояд, ки интихобҳои мо чун шахси алоҳида ба тамоми ҷомеа таъсир мерасонад ва ҳимояи институтҳои мабни бар суд (баҳра) то ҳатто қарзҳои импотекию манзилӣ дар шакл гуё бехатар, маънои ҳимояи васеътари сохтори институтҳои бонкие мебошад, ки масъули паҳншавии фақр дар ҷаҳонанд. Чӣ тавре мебинем дар соли 2010 46,2 миллион мардуми ИМА дар фақр зиндаги мекунанд, ки теъдоди мазкур баландтарин нишондод дар панҷоҳ соли мавҷудияти Дафтари омори Амрикост [8].

Алтернативаи реалӣ ба суди бонкӣ алакай дар иқтисодиёти пешрафтаи Ғарбӣ ба роҳ монда шуда истодааст - адл ва фаъолияти мабнӣ бар ширкат. Қобили тазаккур аст, ки тамоми хизматрасониҳои бонкдории Исломӣ бар ҳамин асос ёфтааст. Дар муқоиса ба суди бонкӣ фаъолияти мабнӣ бар ширкат таъминкунандаи бештарин беҳбудпазирӣ ва камтарин зарар ба манбаи сармояи шахс, тиҷорат ва иқтисодиёт мебошад. Дар таърихи 29-31 октябри соли 2013 дар ш.Лондони Британиёи Кабир бори аввал Форуми ҷаҳонии иқтисоди ислом берун аз кишварҳои мусалмонӣ баргузор гардид. Дар он Сарвазири Британиё Девид Камерон чунин эълон дошт: «Ман намехоҳам, ки Лондон танҳо бузургтарин маркази молияи Исломӣ берун аз ҷаҳони Ислом бошад. Ман мехоҳам, ки Лондон дар баробари Дубай ва Куала Лампур ба бузургтарин маркази ҷаҳонии молияи Ислом мубаддал гардад» [9]. Алакай ба ҷуз Лондон, Дубай ва Куала Лампур дар дигар манотиқи ҷаҳон рақобат барои мубаддалгаштан ба маркази иқтисоди Исломӣ ҷараён дорад. Аз ҷумла, Дублин, Луксембург, Баҳрайн ва Инданезия. Бонки Осиёгии Рушд бошад мақсад дорад, ки аз соли 2014 ба барориши бонди Исломӣ (Сукук) оғоз кунад [10].

Нуриэл Рубинӣ иқтисоддони маъруфи амрикоӣ, профессори донишгоҳи иқтисодии Ню-Йорк, яке аз мутахассисиҳои шинохташудаи бонуфузи ҷаҳонӣ дар масоили молиядории глобалӣ, ки бухрони молиявии соли 2008-ро пешгуӣ карда буд чунин қайд менамояд: «*Имруз ниёз ба системаи устувор ва мустаҳкаме аст ва инҷо барои низоми Исломӣ зарфият (потенсиал) мавҷуд мебошад. Низоми молияи Исломӣ дорои бесуботии камтар буда, яқинан нисбат ба низоми молияи маъмулӣ устувортар аст. Дар робита ба ин иқтисодҳои пешрафта матавонанд аз низоми молияи Исломӣ биомузанд*» [11]. Қобили тазаккур аст, гарчанде воқеаҳои «Баҳори араб» таъсири ҷиддӣ ба рушди молияи Исломӣ расонидаанд, аммо дар соли 2014 соҳаи мазкур рушди бо устувор хоҳад дошт ва он ба 2 трлл. доллар баробар мешавад. Аз он 78% ба бонкдории исломӣ, 16% амалиёти сукук, 1% ба такафур, 4% фондҳои исломӣ ва 1% маблағгузории хурд тааллуқ мегардад [12].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ айни замон барои ба роҳ андозии фаъолияти бонкдорӣ, тибқи қоидаҳои исломӣ корҳои назаррассе ба анҷом расонида шудаст. Аз ҷумла муҳимтарин қадам дар самти мазкур аз ҷониби Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи майи соли 2014 қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ” мебошад. Қонуни мазкур заминаи ҳуқуқӣ барои оғози фаъолияти бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузорад ва умед ҳаст, ки субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ тавонанд аз он самаранок истифода намоянд. Дар баробари ин, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон бисёр муҳим аст, ки аз равандҳои ҷаҳонишавӣ ва вусъатёбии иқтисод ва молияи Исломӣ дар олам ақиб намонда дурнамои соҳаи мазкурро дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон таҳия созад. Дар дурнамои рушди иқтисод ва молиядории исломӣ баназар гирифтани, пешбурди соҳаҳои мазкур зарур аст:

1.Пешбурди бонкдории Исломӣ, аз ҷумла баровардани сукук, такафур ва дигар фаъолияти молиявӣ;

2.Пешбурди саноати хуроки ҳалол;

3.Пешбурди туризми оилавӣ ва дустона (ҳалол ва маҳрам);

4.Пешбурди иқтисоди электронӣ;

5.Пешбурди муд (fashion) ҳунар ва тарроҳии Исломӣ;

Зеро чӣ тавре, ки аз ҳисоботи «Вазъи умумии иқтисоди Ислом-2013» (The Global Islamic Economy 2013 Report) бармеояд маҳз фаъолиятҳои мазкур дар иқтисоди кишварҳои Исломӣ соҳаҳои асосӣ башумор меравaнд.

Аз ин ру, пешбурди чораҳои мазкур метавонад Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз таъсироти манфии иқтисоди мабнӣ бар суд эмин нигоҳ дорад ва ҳамзамон ба ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ ба иқтисодиёти воқеии ҷумҳурӣ сабаб гашта, кишвари моро ба марҳилаи пурра нави рушди боустувори иқтисодӣ расонад.

### Адабиёт


1. Дар асоси Ҳисобот оид ба ҳолати қарзи давлатӣ дар соли 2012 омода шудааст (Аз сомонаи www.minfin.tj фароварда шудааст).
2. Buckley, Ross, “The Rich Borrow and the Poor Repay: The Fatal Flaw in International Finance.” World Policy Journal (2002/2003)
3. http://www.news.tj/ru/news/talko-priglashaet-rossiyu-uchastvovat-v-svoikh-proektakh/ 30/12/2013.
4. “Students Depressed by Debt Burden,” BBC News, September 23, 2001: http://news.bbc.co.uk/1/hi/education/1559910.stm
5. www.nbt.tj: Маблағгузории қарзии низоми бонкӣ (дар анҷоми давра) (11 моҳ 2013)
6. Аз забони русӣ ба тоҷикиӣ баргардонидашудааст: http://www.news.tj/ru/news/glava-minfina-pravitelstvo-spaslo-agroinvestbank-ot-bankrotstva; 01/03/2014
7. http://www.ozodi.tj/content/tajik-government-meeting-/25230289.html; 1/15/20014
8. http://www.bbc.co.uk/news/business-14903732;03/01/2014
9. http://www.jewishpress.com/indepth/opinions/britain-a-world-capital-for-islamic-finance/2013/10/31/; 02/01/2014
10. #IFG http://ow.ly/rZqMC; 06/01/2014
11. Дубай,2013 www.alfalahconsulting.com
12. http://www.alfalahconsulting.com/2014/01/islamic-finance-sector-set-for-rapid.html


**ВАЗИРОВ С.**

## КАКИМ ОБРАЗОМ ССУДНЫЙ ПРОЦЕНТ ВЛИЯЕТ НА ОБЩЕСТВО И ЧТО НУЖНО СДЕЛАТЬ?

Настоящая статья рассматривает отрицательное влияние банковской деятельности основанной на *ссудном* проценте на общество и экономику. Рассматривается состояние внешнего долга Республики Таджикистан, отчасти положение банков республики и снижение цен на основные экспортные товары республики.

**Ключевые слова:** Исламская экономика и финансы, банковская деятельность основанное на участие, выплата процентов.

**VAZIROV S.**

**HOW DOES INTEREST HARM SOCIETY AND WHAT TO DO**

This article examines the negative impact of banking activities based on a loan interest on society and the economy. And considering the external debt of the Republic of Tajikistan, position of the banks in the country and falling prices for the main export items.

**Keywords:** Islamic economics and finance, banking based on participation, interest payments.